# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст.**

Таълиму тарбия равандест, ки бояд дар якҷоягӣ ба роҳ монда шавад ва он фосиларо намепазирад. Он пайваста ва зина ба зина амалӣ мегардад. Агар каме таъхир намоем, таълиму тарбияи мо самараи хуб ба бор намеорад. Воқеаҳои замони муосир бори дигар исботи он аст, ки сари вақт таълиму тарбияи дуруст надодан ба фарзандон, инкишоф надодани тафаккур ва ҷаҳонбинии онҳо оқибати ногуворро ба бор меоварад. Дар ин асос, ташаккули тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба яке аз ин вазифаи муҳими фаъолияти таълимӣ дар синфҳои поёнӣ ба ҳисоб меравад, зеро дар ин давра ақидаҳои шахсӣ, идроки маърифатӣ, асоси маънавию ахлоқии хонандагон босуръат рушд меёбанд.

Аз ин лиҳоз, интихоби мавзӯъ «Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим» ва коркарди илмии он аз тарафи Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна дар марҳилаи кунунии рушди маориф ва илми педагогика хеле ҷолиби диққат буда, ба таҳқиқоти мубрам ва доғи рӯз маҳсуб будани он далолат медиҳад.

Диссертатсияи Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна аз муқаддима, ду боб, 6 фасл, хулосаҳои бобҳо, хулосаи умумӣ, феҳристи адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ иборат аст. Дар муқаддима мубрамии муаммои таҳқиқшаванда асоснок гардида, объект, предмет, ҳадаф, фарзия, вазифаҳои он муайян шудаанд, асосҳои методологӣ, марҳалаҳо ва методҳои таҳқиқот таъйин шуда, навоварӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, нуқтаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда ифода ёфтаанд.

Боби якуми рисола, ки **“Асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули тафаккури интиқодӣ дар раванди фаъолияти маърифатии хонандагон”** номгузорӣ шудааст, аҳаммияти илмӣ ва назариявии фаъолияти маърифатӣ дар тафаккури интиқодии хонандагон, мавқеъ ва методологияи ташаккули тафаккури интиқодӣ дар фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва мундариҷа ва

хусусиятҳои сатҳи ташаккули тафаккури интиқодии хонандагон дар раванди таълим баррасӣ гардида, вижагиҳои ташаккули тафаккури интиқодӣ дар синни хурди мактабӣ, таҳияи амсилаи педагогии ташаккули ташаккули тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ оварда шудааст. Диссертант дар ин боб қайд менамояд, ки аҳаммияти илмӣ ва назариявии фаъолияти маърифатии хонанда ба рушди тафаккури интиқодии ӯ вобаста аст.

Ба андешаи муаллиф муваффақияти таълимро, пеш аз ҳама, ҳамон омӯзгороне ба даст меоранд, ки қобилияти педагогӣ барои инкишоф додан ва дастгирӣ намудани манфиатҳои маърифатии наврасонро доранд, дар синф фазои эҷодии умумӣ, масъулияти гурӯҳӣ ва таваҷҷуҳ ба муваффақияти хонандагонро ба вуҷуд меоранд. Барои ин, муаллим бояд тавассути рафтори хонандагон зуҳуроти фаъолияти маърифатӣ ва хусусиятҳои тафаккури интиқодии хонандаро муайян ва ташаккул дода тавонад. Таҳлили адабиёти психологӣ, педагогӣ, методӣ нишон медиҳад, ки инкишофи тафаккури интиқодӣ, аз худ кардани қонунҳо ва қоидаҳои мантиқ тамоми раванди таълимро фаро гирифтааст.

Дар боби дуюм, ки **“Истифодаи технологияи муосири педагогӣ дар ташаккули тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидо”** ном дорад, роҳҳои самарабахши истифодаи технологияҳои педагогӣ дар ташаккули тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, шароитҳои педагогии ташаккули тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои забони модарӣ ва таҳлили натиҷаҳои корҳои таълимию таҷрибавӣ оид ба ташаккули тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ таҳлилу барррасӣ гардидааст. Сохтор, принсип ва усулҳои рушди интиқодии технологияи рушдро бо модели ифода карда аҳамияти он дар рафти таҳқиот исбот карда шудааст. Аз ҷумла: - ташкили курсҳои махсус,семинар-машваратҳои таълимӣ-методӣ ё дохил намудани тағйирот ба мазмуну муҳтавои фанҳое, ки вазифаҳо, масъалаҳо, машқҳоро доир ба ташаккули малакаҳои тафаккури интиқодии хонандагон дар бар гирифтаанду ба он нигаронида шудаанд; - пешбурди ҷанбаи инноватсионӣ дар соҳаи принсипҳои муҳимми консеспуталӣ ва методҳо барои муқарраркунии сатҳи рушди тафаккури интиқодии хонандагон бо назардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва қобилияти онҳо; - дар таълим татбиқ кардани муносибати системавӣ бо самтгирӣ ба пешбуорди баландшавии сатҳи тафаккури интиқодии на танҳо хонандагон, балки омӯзгорон ва ғайра.

***Навгонии таҳқиқот дар нуктаҳои зерин ифода ёфтаанд:***

1. Роҳҳои сифатан нави ташаккули тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз ҷиҳати педагогӣ ва психологӣ дар заминаи истифодаи технологияи муосири таълим, фарқияти хусусиятҳои тафаккури интиқодӣ ва ғайриинтиқодӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва таҳлил карда шуданд.

2. Дар заминаи истифодаи ин технология дар раванди таълими забони модарӣ системаи ягонаи ташаккули тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ таҳия ва мафҳуми "тафаккури интиқодӣ" муайян карда шудааст.

3. Исбот гардидааст, ки ташаккули тафаккури интиқодӣ дар натиҷаи муаммогузорӣ ва равшан намудани масъалаҳои ҳалталаб оғоз мешавад.

4. Методикаи ташаккули пайвастаи бисёрзинагии таълим, мустақилияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо назардошти махсусиятҳои синнусолӣ, хусусиятҳои фардии онҳо дар заминаи истифодаи технологияи ташаккули тафаккури интиқодӣ таҳия шудааст.

5. Асосҳои мундариҷавию методии баланд бардоштани сатҳи сифати таълим ва салоҳияти омӯзгорон дар ташаккули воситаҳои дидактикӣ ва шароитҳои асосноки тафаккури интиқодӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси такмили муҳтавои таълим тавассути модели шароит ва технологияҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим пешниҳод карда шудааст.

Ҳамин тавр, қайд кардан ҷоиз аст, ки унвонҷӯ дар асоси таҳлили теъдоди васеи адабиётҳои педагогию психологӣ доир ба муаммои таҳқиқшаванда тибқи дидгоҳи муосири илмӣ имкон пайдо кардааст, то ки моҳият, хусусиятҳои раванд ва шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро ба таври амиқ таҳқиқ намояд ва хулосаҳои ҷолиби диққатро коркард намояд.

Хулоса ва тавсияҳои илмии унвонҷӯ аз он дарак медиҳанд, ки ӯ барои дар амал татбиқ намудани имкониятҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити ислоҳоти низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, саҳми арзишманд гузорад.

Рисолаи илмии Ҷураева М. мустақилона, дар заминаи омӯзиш ва таҳлили амиқи асарҳои классикӣ, фалсафӣ, равоншиносӣ, педагогӣ, писхологӣ инчунин тадбиқи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва омӯзишу

ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳия ва омода гардидааст.

Як ҷузъи мусбии рисолаи Ҷураева М. аз он иборат аст, ки оид ба ҷамъбаст ва хулоса намудани донишҳои илмӣ-назариявӣ марбут ба доираи муаммои таҳқиқот кори ҷиддии назариявӣ ва озмоишӣ-таҷрибавӣ гузаронида шуда, ҳадафҳои гузошташуда ба иҷро расида, аз ҷиҳати назариявӣ имкониятҳои муҳимми шароити педагогии ташаккули тафаккури интиқодии хонандагон дар тамоми давраи таълими забони модарӣ ба инобат гирифташудаанд ва асоснок карда шудааст.

Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба исботшавандагии асосҳои ибтидоии методологии таҳқиқот; истифодаи равишҳои гуногун дар бозгӯии мавзуи масъала; далелнокии шароит ва хулосаҳо; интихоби методикаҳое, ки ба мафҳуми мантиқӣ, ҳадафҳо ва вазифаҳо мувофиқанд; мувофиқати тавсифномаҳои интихобшудагони озмудашаванда, нақши омории нишондиҳандаҳое, ки дар ҷараёни фаъолияти таҷрибавӣ ба даст оварда шудаанд, муносибати аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба муназзамсозии онҳо; маҳсулнокии истифодаи нишондиҳандаҳое, ки дар фаъолияти амалии таълимӣ ба даст оварда шудаанд. *Х*улосаҳои назариявӣ ва асоснокии корҳои озмоишӣ, ки аз тарафи муаллифи рисола дар сатҳи зарурии пойгоҳи илмӣ ба даст оварда шудааст аз моҳияти баланди арзишманди илмӣ доштани диссертатсияи тақризшаванда гувоҳӣ медиҳад.

Муҳтавои кори диссертатсионии Ҷураева М.У. ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқ мебошад.

Қобили қайд аст, ки муаллифи рисола ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал кардааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асосноканд, мундариҷаи рисола мутобиқи назарӣ ва мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муаллиф соҳиби қобилияти хуби илмофарӣ мебошад

Интишороти муаллиф моҳият ва мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Дар асоси маводҳои таҳқиқотиаш муаллиф 25 мақола дар нашрияҳои педагогӣ чоп кардааст, ки 6-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз тарафи КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгашта нашр гардиданд.

Дар хотима қайд кардан ҷоиз аст, ки диссертатсияи Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна кори ба итмомрасидаи илмӣ-тадқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи хуби илмӣ иҷро шудааст ва ба талаботи Низомномаи КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо

қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда: номзади илмҳои педагогӣ,

дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи

Донишкадаи омузгории Тоҷикистон

дар ш.Панҷакент Мақсудов Зафарҷон Очилдиевич

«14» 10 2025 с.

(тел: 92 -754-61-89)

«Имзои З.Мақсудовро тасдиқ менамоям».

Сардори шуъбаи кадрҳои Донишкадаи омузгории

Тоҷикистон дар ш.Панҷакент Қурбонов М. Л.